# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Насриддинзода Сайфиддин Насриддин дар мавзуи: «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ. ш. Душанбе, 2025 сол**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Насриддинзода Сайфиддин Насриддин дар мавзуи: «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Таъмини сатҳи муносиби тандурустии аҳолӣ аз вазифаҳои афзалиятноки ҳар як давлат ва низоми тандурустии он ба ҳисоб меравад, ки дар санадҳои стратегии сатҳи байналмилалӣ ва миллӣ низ ба он таваҷҷуҳи махсус дода шудааст. Ҳадаф ва вазифаҳое, ки имрӯз дар назди низоми тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд, ба ҳифзу таҳкими саломатии аҳолӣ, таъмини дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии босифати тиббӣ мувофиқ ба сатҳи имкониятҳои молиявӣ ва рушди технологӣ, эҳтиёҷоти воқеӣ ва риояи принсипҳои баробариву адолат нигаронида шудаанд. Ҷомеаи ҷаҳонӣ масъалаи саломатиро ҳамчун яке аз мушкилоти глобалӣ эътироф намуда, ҳалли онро шарти зарурии идомаи мавҷудияти инсоният ҳамчун навъи биологӣ медонад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки паҳншавии вируси норасоии масунияти одам (ВНМО) ба коҳиши давомнокии умр, афзоиши эҳтиёҷот ба хизматрасонии тиббӣ, тезу тунд шудани мушкилоти камбизоатӣ, нобаробарии иҷтимоӣ ва ятимӣ оварда мерасонад. Дар мубориза бо паҳншавии ин бемории сироятӣ тадбирҳои тиббӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва қонунгузорӣ татбиқ карда мешаванд. Дар байни ин тадбирҳо чораҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ мавқеи махсусро ишғол менамоянд.

Қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ барои сироят кардани шахс бо ВНМО ҷавобгарии ҷиноятиро муқаррар намудааст (моддаи 125 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон). Бо вуҷуди ин, таҷрибаи татбиқи амалии ин модда нишон медиҳад, ки он то ҳол самаранокии заруриро таъмин накардааст. Сабаби ин ҳолат мавҷуд будани камбудиҳои муайяни меъёрии моддаи мазкур ва норавшаниҳои алоҳида дар тарзи баён ва татбиқи он мебошад, ки боиси мушкилоти муайян дар амалияи судӣ ва тафтишотӣ мегардад. Аз ҷумла, масъалаҳои дақиқ намудани ҳолатҳои сироят ё таҳти хавфи сироят гузоштани шахси дигар бо

вируси мазкур то ҳол пурра равшан нагардидаанд.

Ин ҳолат зарурати бозбинӣ ва такмили меъёрҳои моддаи мазкурро бо дарназардошти таҷрибаи ҳуқуқии кишварҳои дигар ва шароити воқеии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад.

Ҳамин тавр, мавзуи таҳқиқоти мазкур ҳам аз нигоҳи назариявӣ ва ҳам аз нигоҳи амалӣ мубрам буда, барои пешгирӣ ва кам кардани паҳншавии бемории ВНМО, инчунин барои таъмини самаранокии мубориза бо чунин ҷиноятҳо аҳаммияти хосса дорад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии таҳқиқоти мазкур дар он ифода меёбад, ки ин кори диссертатсионӣ аз нахустин пажӯҳишҳои амиқу муфассал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб мешавад, ки масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироят кардани шахс бо вируси норасоии масунияти одам (ВНМО)-ро дар партави қонунгузории ҷиноятии миллӣ ва таҷрибаи татбиқи амалии он ба таври васеъ мавриди таҳлил қарор медиҳад. Муаллиф дар ҷараёни таҳқиқот ба масъалаҳои муҳим ва мубрами қаблан омӯзишнашуда ё ба таври нокофӣ таҳқиқшуда дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятии Тоҷикистон таваҷҷуҳи махсус равона намудааст, ки мавҷудияти чунин муносибат сатҳи баланди навгониро дар кори мазкур ифода менамояд.

Дар натиҷаи таҳқиқот ба даст овардани чунин натиҷаҳои наву муҳим ба назар мерасад:

- бори аввал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷинояти сироят кардани шахс бо вируси норасоии масунияти одам (ВНМО) ҳамчун ҷинояти мустақил ва махсус таҳқиқ ва таҳлил гардида, мафҳумҳо ва категорияҳои асосии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ оид ба ин ҷиноят муайян карда шудаанд;

- камбудиҳо ва норасоиҳои қонунгузории ҷиноятии амалкунанда дар бахши ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироят кардани шахс бо ВНМО муайян ва таҳлил гардида, пешниҳодҳои мушаххаси илмӣ ҷиҳати такмили он таҳия шудаанд;

- таҷрибаи ҳуқуқии дохилӣ ва хориҷӣ дар масъалаи ҷавобгарӣ барои сироят кардани шахс бо ВНМО мавриди таҳқиқи муфассал қарор дода шуда, имкониятҳои татбиқи он дар қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон равшан гардидаанд;

- хусусиятҳои аломатҳои субъективӣ ва объективии ҷинояти мазкур бори аввал дар сатҳи диссертатсионӣ мукаммал таҳлил гардида, мазмун ва моҳияти онҳо нисбат ба ҷинояти м.125 КҶ ҶТ муайян карда шудаанд;

- тартиби татбиқи ҷавобгарии ҷиноятӣ нисбати кормандони тиб дар ҳолатҳои сироят кардани шахс бо ВНМО ба таври махсус таҳлил гардида, пешниҳодҳои ҳуқуқии мушаххас барои бартараф намудани камбудиҳои қонунгузорӣ таҳия шудаанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия пешниҳодшуда дар асоси таҳлили васеъ ва амиқи маводи назариявӣ, меъёрҳои қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон,

таҳқиқи таҷрибаи татбиқи амалии меъёрҳои ҳуқуқӣ дар фаъолияти судӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, инчунин, бо истифода аз таҷрибаи муқоисавӣ бо қонунгузории давлатҳои пасошуравӣ таъмин гардидаанд.

Муаллиф дар таҳқиқоташ аз сарчашмаҳои боэътимоди илмӣ-ҳуқуқӣ, монографияҳо, мақолаҳои илмӣ, маводи оморӣ, таҷрибаи амалияи судӣ, гузоришҳои муассисаҳои давлатӣ ва тадқиқоти олимони шинохтаи дохилӣ ва хориҷӣ истифода намудааст, ки дар маҷмуъ асоси кофӣ ва муътамадро барои натиҷагириҳо ва пешниҳодҳои илмӣ фароҳам овардаанд.

Дар диссертатсия масъалаҳои муҳими назариявию амалӣ, ки қаблан дар илм ва амалияи ҳуқуқии кишвар мавриди таҳқиқи муфассал қарор нагирифта буданд, ҳамаҷониба омӯхта шуда, хулосаҳои илмӣ дар асоси далелҳо ва исботҳои эътимоднок ифода ёфтаанд. Инчунин, муаллиф дар асоси таҳлили камбудиҳои амалияи татбиқи моддаҳои дахлдори Кодекси ҷиноятӣ ва бо такя ба далелҳои мушаххаси ҳуқуқию оморӣ тавсияҳои мантиқӣ ва амалӣ пешниҳод намудааст, ки татбиқи онҳо барои беҳбуди вазъи ҳуқуқии ҷиноятӣ дар соҳаи мубориза бо паҳншавии ВНМО самаранок хоҳад буд.

Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки хулосаҳо ва тавсияҳои муаллиф дорои асоснокии муътамади илмӣ буда, барои истифода дар амалияи қонунгузорӣ, фаъолияти мақомоти судию тафтишотӣ ва дар раванди таҳқиқоти минбаъда мувофиқ ва қобили татбиқ мебошанд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Сохтори рисолаи илмии Насриддинзода Сайфиддин Насриддин дар мавзуи: «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) аз рӯйхати ихтисорот, муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулоса ва номгӯйи адабиёт (маъхазҳо) иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 199 саҳифаро дар бар мегирад.

Дар муқаддима интихоб шудани мавзуи таҳқиқот дар асоси таҳлили ба ҷамъият хавфнокии сироят бо вируси норасоии масунияти одам (ВНМО) ва зарурати амалии мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда асоснок гардида, зуҳуроти мазкур ҳамчун яке аз мушкилоти ҷиддии иҷтимоӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шудааст. Дар ин замина мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, инчунин объект ва предмети он равшан нишон дода шуда, самтҳои фарққунандаи таҳқиқоти мазкур аз таҳқиқотҳои қаблӣ таъкид гардидаанд. Ҳамзамон, навгонии илмӣ ва аҳаммияти амалии натиҷаҳои бадастомада барои такмили қонунгузорӣ ва беҳбуди таҷрибаи ҳуқуқӣ ба таври возеҳ баён гардида, зарурати таҳқиқи мавзуъ комилан асоснок шудааст.

Дар боби якуми рисола **«Муқаррароти умумӣ оид ба сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам»,** масъалаҳои тавсифи умумии вируси норасоии масунияти одам ва хатари он ба ҷомеа, инкишоф ва рушди ҷавобгарии ҷиноятӣ оид ба сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии сироят кардан бо вируси норасоии

масунияти одам тибқи қонунгузории ҷиноятии давлатҳои пасошӯрвӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, мафҳумҳо, хавфнокии иҷтимоии зуҳуроти мазкур, қонунгузориҳои қаблӣ дар мавриди хусусияти муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои чунин кирдорҳо ҳамаҷониба таҳлил шудаанд.

Муаллиф баён медорад, ки "беморции мазкур нахустин маротиба дар солҳои 80-уми асри XX ҳамчун бемории гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ ба миён омада, тадриҷан ба як буҳрони бузурги ҷаҳонӣ табдил ёфт ва рушди ҷомеаи солимро зери таъсири манфии худ қарор дод. Вируси норасоии масуният одам (ВНМО) ҳамчун бемории ҷиддӣ, ки ба ҳаёт ва саломатӣ таҳдид менамояд, на танҳо ба ҷисми инсон зарари назаррас мерасонад, балки ҳолати рӯҳиву равонии ӯро низ ба таври ҷиддӣ халалдор месозад" (саҳ.22).

Хавфнокии иҷтимоии сироят намудан бо ВНМО-ро таҳлил намуда муаллиф ба таври асоснок баён медорад, ки "муносибати ҷамъиятие мебошад, ки шахси сироятёфта бо пинҳоннамоии бемории худ шахсони дигар, хусусан аъзои оилаи худро ба ин беморӣ гирифтор намуда, ҳуқуқ ба саломатии онҳоро поймол мекунад ва ба шахси сироятёфта, аввалан, зарари руҳӣ ва ҳам зарари ҷисмонӣ расонида, минбаъд, баъди ба БПНМ гирифтор гардидан, сабаби аз ҳаёт маҳрум шудани ӯ гашта метавонад" (саҳ.29).

Дар ин боб муаллиф рушди таърихии танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятии сирояти ВНМО-ро дар қонунгузории Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор додааст. Аз ҷумла, муаллиф чунин мешуморад, ки "дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1991 ин беморӣ ба қайд гирифта шудааст. Лекин вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ дар ҳудуди кишвар бошад, дар қонунгузории ҷиноятии замони шуравӣ (аз соли 1922), ки дар давлати мо низ амал мекард, ҷавобгари барои сироят кардан ба касалиҳои зуҳравӣ ё ВНМО муқаррар шуда буд. Аввали қонунгузории ҷиноятӣ, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои ин ҷиноят муқаррар мекард, ин КҶ ҶШФСР аз 1 июли соли 1922 буд" (саҳ.32). Дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда муаллиф муайян намудааст, ки ташаккули таърихӣ ва рушди қонунгузорӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироятнамоии ҷиноятии бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда, дар ҶТ аз чор марҳила ва чор давра иборат аст: якум (1917 – 1987 с.) – шуравӣ ( дар навбати худ, ба чор зердавра ҷудо мешавад: якум – 1917 – 1922 с., дуюм – 1922 – 1926 с., 1926 – 1961 с. ва сеюм – 1961 – 1987 с.; чорум (1987 – 1998с.) – ислоҳот ва панҷум ( аз соли 1998 то замони ҳозира ) – муосир (саҳ.42).

Дар ин қисмати таҳқиқот муқаррароти қонунгузории ҷиноятии кишварҳои гуногуни пасошӯравӣ оид ба ҷавобгарӣ барои сироят кардани шахсони дигар бо вируси норасоии масунияти одам (ВНМО) таҳлил гардидаанд. Муаллиф бо истифода аз усули муқоисавӣ хусусиятҳои умумӣ ва тафовутҳои асосии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи Русия, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон ва дигар давлатҳоро ошкор намудааст. Дар асоси чунин таҳлил ҷиҳатҳои мусбӣ ва нуқсонҳои қонунгузории кишварҳои зикршуда муайян гардида, барои такмилу беҳбуд бахшидани меъёрҳои ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодҳои

мушаххас ироа шудаанд.

Дар боби дуюми ин таҳқиқот **«Тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноятии сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам»** муаллиф объект ва предмети сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам, тарафи объективии он, субъекти сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам ва тарафи субъективии онро таҳлил намудааст. Дар таҳқиқоти гузаронидашуда масъалаҳои вобаста ба объекти ин ҷиноят, аз ҷумла муайян намудани объекти умумӣ, хелӣ, намудӣ ва бевосита, инчунин предмети ҷинояти мазкур бо такя ба адабиёти илмии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва таҳлилҳои ҳуқуқӣ омӯхта шудаанд.

Аз нуқтаи назари назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ, аҳамияти муайян намудани объектҳои ҷиноят барои дуруст баҳо додан ба хусусияти хавфнокии ҷамъиятии кирдор, ҷудо кардани он аз дигар ҷиноятҳо муҳим мебошад (саҳ.60).

Ба андешаи муаллиф бештар дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ масъалаи муайян намудани объекти бевоситаи м.125 КҶ ҶТ баҳснок ба ҳисоб меравад. Зеро ҳалли як қатор масъалаҳо, минҷумла танзими ҳуқуқи ҷиноятии ба ҷавобгарӣ кашидан барои содир намудани ҷинояти сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам (созмон додани аломатҳои тарафи объективии ҷиноят, муқаррар кардани аломатҳои вазнинкунандаи он), инчунин, ҷудо намудани ҷинояти зикршуда аз дигар таркибҳои ба он муҷовир аз ҳалли дурусти муқаррар намудани объекти бевоситаи чунин як ҷиноят, вобастагии бевосита дорад (саҳ. 65).

Дар доираи таҳқиқоти анҷомшуда, муаллиф ба таҳлили таркиби ҷинояти мазкур аз нуқтаи назари ҳуқуқи ҷиноятӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, яке аз унсурҳои асосии таркиби ин ҷиноят- тарафи объективиро мавриди таҳқиқи муфассал қарор додааст.

Дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (м.125 КҶ ҶТ) ду шакли алоҳидаи ин ҷиноят пешбинӣ шудааст: 1) таҳти хавфи сироят бо ВНМО гузоштани шахси дигар (қ. 1 м. 125 КҶ ҶТ); 2) бевосита сироят кардани шахсони дигар бо ВНМО (қ.қ. 2 ва 3 м. 125 КҶ ҶТ).

Муқаррар мешавад, ки тарафи объективии ҷинояти таҳти хавфи сироят ба ВНМО гузоштани шахси дигар танҳо дар шакли ҳаракатҳои фаъолона содир мегардад. Сабаби ин ҳолат дар он аст, ки бо дарназардошти роҳҳои гузариши вируси мазкур (алоқаи ҷинсӣ, истифодаи сӯзандоруҳои ғайристерилӣ ва ғайра), тасаввур намудани шакли беҳаракатии содир кардани ин ҷиноят ба мантиқи ҳуқуқӣ мутобиқат намекунад. Ҳамзамон бо ин, муаллиф пешниҳод менамояд, ки барои баланд бардоштани самаранокии татбиқи қонунгузорӣ ҳолатҳои таҳти хавфи сироят гузоштани ду ё зиёда шахс ҳамчун ҳолати вазнинкунанда ба м. 125 КҶ ҶТ илова карда шавад (саҳ.84).

Муаллиф зикр менамояд, ки аз нигоҳи аввал чунин ба назар мерасад, ки масъалаи баҳодиҳии ҳуқуқӣ-ҷиноятии субъекти таҳти хавфи сироят бо ВНМО гузоштан ё сироят кардан бо ин вирус дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳеҷ

мушкилӣ надорад, аммо ин тавр нест (саҳ.104).

Қонунгузор диспозитсияи қ.1 м.125 КҶ ҶТ-ро ба тавре таҳия намудааст, ки ин боиси пайдо шудани саволҳои зиёде гардидааст. Зеро дар қ.1 м.125 КҶ ҶТ танҳо сухан дар бораи дидаю дониста, таҳти хавфи сироят бо вируси норасоии масунияти одам гузоштани шахси дигар меравад ва ҳеҷ чиз дар бораи он, ки шахси гунаҳгор ҳатман бояд сироятёфта ба чунин вирус бошад, гуфта намешавад. Бинобар ин, эътироф намудани он ки субъекти қ.1 м.125 КҶ ҶТ махсус мебошад, асоснок ба назар намерасад (саҳ.104).

Муаллиф баён медорад, ки яке аз масъалҳои баҳснок дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ин тавсифи тарафи субъективии ҷинояти мазкур ба ҳисоб меравад (саҳ.112).

Ба андешаи муаллиф имконияти бо қасди бавосита ё аз беэҳтиётӣ тавсиф намудани қ.1 м.125 КҶ ҶТ қобили қабул намебошад. Зеро қасди бавосита дар ҷиноятҳои дорои таркиби моддӣ ҷой дошта метавонад, қ.1 м.125 КҶ ҶТ бошад дорои таркиби расмӣ мебошад, яъне ҷиноят аз лаҳзаи содир намудани худи кирдоре, ки шахси дигарро зери хавфи сироят бо ВНМО мегузорад хотимаёфта ҳисоб мешавад, ки ҷой доштани қасди бавоситаро дар чунин маврид истисно месозад (саҳ.114).

Муаллиф  хулосабарой менамояд, ки тарафи субъективии ҷинояти сироят намудани дигарон бо ВНМО (қ.2 м.125 КҶ ҶТ) метавонад ҳам бо шакли қасд ва ҳам бо шакли беэҳтиётӣ дар намуди худбоварона зуҳур гардад (саҳ.117).

Муайян намудани дурустии шакли гуноҳ дар ҳар ҳолати мушаххас барои таъмини адолати судӣ ва татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ аҳаммияти ҳалкунанда дорад. Аз ин рӯ, рушди минбаъдаи назария ва таҷрибаи ҳуқуқӣ дар самти муайянсозии омилҳои субъективии ҷиноятҳои вобаста ба сироят бо ВНМО, махсусан дар робита ба беэҳтиётии худбоварона, зарур шуморида мешавад (саҳ.124).

**Боби сеюм «Хусусиятҳои бандубасти ҷинояти сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам»** ба таҳлили аломатҳои вазнинкунандаи м.125 КҶ ҶТ ва масъалаҳои  фарқияти ҷинояти сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам аз дигар таркиби ҷиноятҳои монанд ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо бахшида шудааст.

Муаллиф зикр месозад, ки "Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1998 дар раванди тафриқасозии ҷавобгарии ҷиноятӣ ба таври фаъолона аз аломатҳои вазнинкунанда, махсусан вазнинкунанда ва сабуккунанда истифода намудааст. Дар муқоиса бо Кодекси ҷиноятии ҶТ аз соли 1961, шумораи чунин ҳолатҳо ба таври назаррас афзуда, танзими қонунии онҳо ба таври мукаммал ва мушаххастар сурат гирифта, заминаҳои иҷтимоии ин тағйирот ба назар гирифта шудаанд. Аз ҷумла, қонунгузории ҷиноятии амалкунанда дар баробари таркиби асосии ҷинояти сироят бо вируси норасоии масунияти одам (қисми 2 моддаи 125 КҶ ҶТ), инчунин таркиби вазнинкунандаи онро дар қисми 3 моддаи мазкур бо илова намудани аломатҳои махсуси иловагӣ ва муқаррар намудани ҷазои

нисбатан вазнинтар дар муқоиса бо қисми 2 моддаи 125 КҶ ҶТ пешбинӣ намудааст” (саҳ.127,130).

Дар доира ин боб хусусиятҳои бандубасти сироят кардан бо ВНМО ҳангоми ҷой доштани аломатҳои вазнинкунанда ба таври мушаххас таҳлил гардидааст. Муаллиф бо такя ба қарорҳои дахлдори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мазмун ва моҳияти аломатҳои мазкурро ҳангоми баҳо додан дар таҷрибаи тафтишотиву судӣ муайян намудааст. Аз ҷумла ба таври асоснок баён мегардад, ки “Сироят кардани як шахс ва суиқасд ба сироят кардани шахси дигар, ҳамчун ҷинояти хотимаёфта – сироят кардани ду шахс ба сирояти ВНМО эътироф намегардад. Дар чунин мавридхо, сарфи назар аз пайдарпайии кирдорҳои чиноятӣ, кирдори содиршуда бояд бо қ.қ.2,3 м.125 КҶ ҶТ ва бо қ.3.32 ва қ.3 м.125 КҶ ҶТ бандубаст карда шавад” (саҳ.133).

Барои муайян кардани ҳадди ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироят кардани шахс бо ВНМО, инчунин барои ташкили дурусти мубориза бо чунин кирдори ба ҷомеа хавфнок, аҳаммияти принсипиалӣ дорад, ки фарқи байни ин ҷиноят ва ҷиноятҳои ҳамшафати онро, ки ба ҳаёт ва саломатии инсон равона шудаанд, ба таври дақиқ муайян намоем. Аммо чунин фарқгузорӣ бо сабаби монандии баъзе аломатҳои сироят кардани шахс бо вируси ВНМО бо ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ мушкил мегардад. Ин ҳолат боиси хатоҳо ва душвориҳо дар вақти баррасии парвандаҳои ин категория аз ҷониби судҳо мегардад (саҳ.142).

Дар доираи боби мазкур муаллиф фарқияти байни ҷинояти м.125 КҶ ҶТ аз дигар таркиби ҷиноятҳои монандро таҳлил намуда якчанд хулосаҳои асоснок баровардааст. Аз ҷумла, “таҷовуз ба номус ё ҳаракатҳои зӯроваронаи хусусияти шаҳвонӣ, ки аз ҷониби шахси синнаш аз чордаҳ то шонздаҳсола содир шуда, боиси сирояти ҷабрдида ба ВНМО гардидааст, наметавонанд тибқи б “г” қ. 3 м.138 ва б “б” қ.3 м.139 КҶ ҶТ бандубаст карда шаванд”(саҳ.162).

Хулоса аз 21 банди аҳамияти назариявӣ дошта ва 8 банди ба такмили қонунгузорӣ равонашуда иборат мебошад.

Дар хулосаи таҳқиқоти мазкур муаллиф дар асоси натиҷаҳои таҳлили амиқу муқоисавии масъалаҳои назариявӣ ва амалии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам (ВНМО), зарурати такмил додани қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъкид намудааст. Муаллиф бо мақсади бартараф намудани мушкилоту камбудиҳое, ки дар ҷараёни татбиқи моддаи 125 Кодекси ҷиноятӣ ба вуҷуд меоянд, пешниҳодҳои мушаххасу асоснокро ҷиҳати такмили мазмуни ин модда ва равшан сохтани аломатҳои таркиби ҷинояти мазкур манзур намудааст.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсияи мазкур аз он иборат мебошад, ки ин таҳқиқот масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироят кардан бо вируси норасоии масунияти

одам (ВНМО)-ро ба таври васеъ ва ҳаматарафа мавриди таҳлили назариявию амалӣ қарор дода, барои рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ заминаи боэътимоди илмӣ ва методологиро фароҳам меорад.

Аз лиҳози илмӣ, натиҷаҳои диссертатсия дар муайян намудани мазмуну моҳияти ҳуқуқӣ- ҷиноятии объект, предмет, тарафи объективию субъективӣ ва хусусиятҳои махсуси субъектҳои ҷинояти мазкур саҳми муҳим доранд ва ба ғанӣ гардидани назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ мусоидат менамоянд.

Дар робита ба аҳамияти амалӣ бошад, хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодгардида барои такмил додани меъёрҳои моддаи 125 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, беҳтар кардани татбиқи амалии онҳо дар фаъолияти мақомоти судию тафтишотӣ ва ҳамчунин таҳияи чораҳои муассири пешгирии паҳншавии ВНМО нақши калидӣ мебозанд.

Аз ҷиҳати иқтисодӣ натиҷаҳои ин таҳқиқот бавосита ба коҳиш додани хароҷотҳои давлат ва ҷамъият вобаста ба табобату нигоҳубини шахсони сироятёфта, инчунин чораҳои гуногуни пешгирикунанда ва ҷуброни зарарҳои вобаста ба паҳншавии вирус мусоидат менамоянд. Ниҳоят, аз назари иҷтимоӣ натиҷаҳои бадастомада барои таъмини сатҳи баланди амнияти иҷтимоӣ, ҳифзи саломатӣ ва ҳуқуқҳои шаҳрвандон аҳамияти ҷиддӣ дошта, дар коҳиш додани таъсири манфии иҷтимоии ин беморӣ ва фароҳам овардани муҳити солиму мусоиди иҷтимоӣ дар ҷомеа нақши муҳим хоҳанд дошт.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.**

Нуктаҳои асосии назариявӣ ва амалии ба ҳимоя пешниҳодшудаи муаллиф дар 7 мақолаи илмӣ, ки аз он 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд.

Шумораи маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсияи Насриддинзода Сайфиддин Насриддин ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додни дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистн аз 30-июни

соли 2021, тахти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои оморӣ, имлои грамматикӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Пешниҳоди муаллиф дар мавриди ворид намудани эзоҳ ба м.125 КҶ ҶТ “Шахсе, ки кирдорҳои дар қисмҳои якум ё дуюми ҳамин модда пешбинишударо содир кардааст, агар шахси дигаре, ки зери хавфи сироят қарор дода шуда ё бо ВНМО сироятёфтааст, саривақт дар бораи дар шахси аввал мавҷуд будани ин беморӣ огоҳонида шуда бошад ва ихтиёран ба содир намудани ҳаракатҳое, ки хавфи сироятёбиро ба вучуд меовард, розӣ шуда бошад, агар дар кирдорҳои ӯ таркиби ҷинояти дигар мавҷуд набошад, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда шавад” (саҳ.15) метавонад дар амал ба поймол шудани ҳуқуқу манфиатҳои шахсони сироятёфта оварда расонад. Аз ҷумла, дар ҳолатҳои муносибатҳои оилавӣ ё муносибатҳои дигари наздики шахсӣ, шахси сироятёфта метавонад тахти таъсири фишори равонӣ, вобастагии моддӣ ё иҷтимоӣ қарор дошта, ризоияти ӯ на бо хоҳиши воқеӣ, балки аз сабаби тарсу ҳарос ё дигар омилҳои таъсиррасон ҳосил шавад. Дар чунин вазъиятҳо ба расмият даровардани розигии ба истилоҳ «ихтиёрӣ» наметавонад кафили пурраи риоя ва ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои шахси сироятёфта бошад ва дар амал татбиқи он метавонад ба афзоиши ҳолатҳои суистифода аз эътимод ва поймол гардидани ҳуқуқҳои шаҳрвандон оварда расонад.

Бинобар ин, муаллиф бояд пешниҳодоти худро бо дарназардошти чунин паҳлӯҳои муҳим бознигарӣ намуда, бештар асоснок менамуд.

2. Аз маълумоти омории пешниҳодкардаи муаллиф бармеояд, ки сатҳи содиршавии ҷинояти сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам сол то сол афзоиш ёфта истодааст. Ба таври мисол, агар соли 2022 ҳамагӣ 26 ҳолати чунин ҷиноят ба қайд гирифта шуда бошад, пас дар соли 2024 ин рақам ба 94 ҳолат расидааст (саҳ.6). Аммо, новобаста аз зиёдшавии назарраси шумораи ин навъи ҷиноятҳо, муаллиф дар таҳқиқоти худ танҳо 17 парвандаи ҷиноятиро таҳлил намудааст. Ба андешаи мо, чунин шумораи парвандаҳо барои таҳлили мукаммал ва ҳаматарафаи таҷрибаи судӣ-тафтишотӣ кофӣ нест. Аз ин рӯ, беҳтар мебуд, агар муаллиф барои таҳқиқоти ҳамаҷониба шумораи бештари парвандаҳои марбут ба мавзуъро баррасӣ мекард, то натиҷаҳои таҳқиқот пурратар ва дақиқтар гарданд.

3. Муаллиф зербобИ 2.1-и диссертатсияи худро «Объект ва предмети сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам» номгузорӣ намудааст. Бо вуҷуди ин, дар худи таҳқиқот (саҳ.71) ба таври мушаххас қайд намудааст, ки дар таркиби ҷинояти мазкур мавҷудияти предмет ғайриимкон буда, он умуман вуҷуд дошта наметавонад. Аз ин бармеояд, ки дар чунин ҳолат истифодаи мафҳуми «предмет» дар номгӯйи зербоби мазкур ба мантиқи дохилии таҳқиқот мухолифат мекунад.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳаммияти назариявию

амалии диссертатсияи макурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Насриддинзода Сайфиддин Насриддин дар мавзуи: «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироят кардан бо вируси норасоии масунияти одам», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33,34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти
кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявӣ,
Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон Оралбаев Х.Х.

Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, н. Сино, кӯчаи Испечак-2,
М-20, хонаи 4, ҳуҷраи 24
Телефон: (+992) 919643535
E-mail: femida-80@list.ru

Имзои Оралбаев Х.Х.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Мирҷамолов М.А.

Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Нахимов,
64/14 Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.
Телефон: +992 (37) 231-02-01. E-mail: tgfeu@tgfeu.tj

«10» ноябри 2025 сол